«Тасдиқ мекунам»:
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор
Хушвахтзода Қ.Х.
________________
«22» 12 __________ 2023

**ХУЛОСАИ**
**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

Диссертатсияи Алиева Ҷамила Файзовна "Нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири забони асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Алиева Ҷамила Файзовна соли 2003 факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси журналист-тарҷумон хатм кардааст.

Роҳбари илмии ӯ доктори илмҳои филология, профессор Камолиддинов Бахриддин буда, бинобар сабаби вафоти профессор Камолиддинов Б. (соли 2020) профессори кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабӣ Ҷӯраева Мушаррафа Рустамовна роҳбари илмии Алиева Ҷ.Ф. таъйин гардид (нусха аз қарори суратҷаласаи № 3 маҷлиси кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабӣ аз 30.10.2022; нусха аз қарори № 3 Шурои олимони факултети журналистика аз 1.11.2022).

Мавзуи диссертатсия дар Шурои олимони факултети журналистикаи ДМТ рӯзи 2. 04. 2014, қарори № 9 тасдиқ шудааст.

Диссертант Алиева Ҷамила Файзовна имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои таърих ва фалсафаи илм бо баҳои «хуб» (04 июни соли 2012), забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои «хуб» (29 июни соли 2012) ва аз рӯйи ихтисос – забони тоҷикӣ

бо баҳои «хуб» (12 июни соли 2019) маълумотномаи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:

Мавзуи мазкур ба фаъолияти Садриддин Айнӣ дар самти таҳрири забони асарҳои бадеӣ бахшида шудааст. Маълум аст, ки кори таҳриру муҳаррирӣ бо доштани собиқаи зиёд дар илми забоншиносию мавқеи махсусро ишғол менамояд. Фаъолияти муҳаррирӣ осон набуда, иҷрои он аз муҳаррир забондонӣ, вусъати назар, дониши фаровон мехоҳад. Ин масъала ҳангоме пураҳмият мешавад, ки мавзуи таҳқиқ ба фаъолияти муҳарририи нависандагони бузург алоқаманд бошад.

Бо назардошти ин омӯзишу баррасии фаъолияти муҳарририи Садриддин Айнӣ ниҳоят муҳиму пураҳамият ба назар мерасад. Аҳамияти таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки дар забоншиносии тоҷик аввалин бор нақши муҳарририи Садриддин Айнӣ мавриди омӯзишу таҳлили васеъ қарор мегирад. Кори муҳаррирӣ барои Садриддин Айнӣ танҳо як соҳаи фаъолият нест, балки ифодагари ҳунару истеъдоди нависандагии ӯ низ ба шумор меравад. Ҷанбаи дигаре, ки метавонад далели аҳамияту зарурати мавзӯъ бошад, шинохти шахсияти адабӣ, инсонӣ, иҷтимоии Садриддин Айнӣ аст, ки ҳангоми омӯзиши осори таҳрирнамудаи ӯ ошкор мешавад.

Садриддин Айнӣ аз солҳои бистуми қарни гузашта шурӯъ намуда, то поёни умр ба кори муҳаррирӣ машғул буд ва онро як ҷузъи ҷудонашавандаи фаъолияти адабии хеш меҳисобид. Дар тӯли замон корҳои зиёди таҳрирӣ, ки ба забони китобҳои дарсӣ, асарҳои таҳқиқӣ, мақолаҳои ҷудогона, осори нависандагон, ихтисос доштанд, аз ҷониби устод таҳрир карда шудаанд. Фаъолияти муҳарририи устод Айнӣ ҳарчанд ба таври алоҳида омӯхта нашудааст, вале мавзуи комилан нав нест, зеро дар тӯли замон олимону муҳаққиқон дар атрофи фаъолияти муҳарририи Садриддин Айнӣ мақолаҳои ҷудогона нашр намудаанд, ки дар диссертатсия атрофи онҳо ибрози назар шудааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ.** Мақсади аслӣ аз таълифи диссертатсияи мазкур омӯзишу арзёбии фаъолияти муҳарририи Садриддин Айнӣ дар заминаҳои мухталиф мебошад, зеро фаъолияти муҳарририи ӯ бо он миқёсу вусъате, ки дар рушду камоли забони адабии тоҷик, ислоҳи забони тарҷумаи осори бадеӣ, пешрафти касбии нависандагону адибони алоҳида дорад, то ба имрӯз ба таври шоиста таҳқиқ нашудааст. Дар диссертатсия мавзӯъҳои зерин таҳлилу арзёбӣ гардидаанд: тавсифи ҷанбаҳои маъношиносии таҳрири адабӣ; фаҳмиши истилоҳии он ва гурӯҳбандии навъҳои таҳриру кори муҳаррирӣ; муайян сохтани саҳми кори муҳаррирӣ дар адабиёти бадеӣ; таҳлилу баррасии тарзҳо ва меҳварҳои арзёбии осори адабӣ; таҳқиқи тарзу усулҳои фаъолияти муҳаррири асарҳои бадеӣ; муайянсозии хусусиятҳои муҳаррири жанрҳои адабӣ ва меъёрҳои таҳрир; таъйину таҳқиқи ҷузъиёти кори муҳаррирӣ зимни бознашри осори адабии классикон; муайян намудани робитаву алоқамандии таҳрири адабӣ бо соҳаи матншиносӣ ва забоншиносӣ; таҳқиқи забони осори бадеие, ки Садриддин Айнӣ дар заминаи асарҳои тарҷумашуда ва таълифоти нависандагони тоҷик анҷом додааст.

**Навоварии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки фаъолияти муҳарририи устод Айнӣ дар заминаи осори классикони адабиёти тоҷик, забони тоҷикӣ, вижагиҳои забони тарҷумаи осори адабӣ, ҷузъиёти кори Садриддин Айнӣ дар таҳрири осораш, муносибати устод бо осори адибони муосир аввалин бор таҳлилу арзёбӣ шудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия** дар он аст, ки дар чаҳорчӯбаи он ҷанбаҳои назариявии фаъолияти муҳаррирӣ ва махсусан фаъолияти таҳриргарии Садриддин Айнӣ хулоса ва ҷамъбандӣ шудааст. Маводи диссертатсияро метавон ҳангоми таълими мавзӯи кори муҳаррирӣ, тадвину таҳияи курси лексияҳо роҷеъ ба «Таҳрири адабӣ», «Хусусиятҳои таҳрири осори адабӣ», «Таҳрир ва матншиносӣ» ва ғ. мавриди истифода қарор дод.

Мундариҷаи асосии диссертатсия дар ҳашт мақолаи чопнамудаи муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳои муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия**

[1-М]. Алиева Ҷ. Ф. Назаре ба фаъолияти таҳрири забонии Садриддин Айнӣ/ Ҷ. Ф. Алиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2015. – № 4/8. – С. 89-93.

[2-М]. Алиева Ҷ. Ф. Таҳрири адабӣ ва ҷомеаи муосир / Ҷ.Ф.Алиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2016. – № 4/1. – С. 33-38.

[3-М]. Алиева Ҷ. Ф. Назари донишмандон дар атрофи фаъолияти таҳриргарии устод С.Айнӣ / Ҷ.Ф.Алиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2017. – №4/3. – С. 295-300.

[4-М]. Алиева Ҷ. Ф. Нақши Айнӣ дар таҳрири осори Ҷ. Икромӣ. / Ҷ.Ф.Алиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2020. – № 2. – С.114-119.

[5-М]. Ҷӯраева М.Р. Алиева Ҷ.Ф. Нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири осори нависандагони тоҷик. / М.Р. Ҷӯраева, Ҷ. Ф. Алиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2023. – № 8. – С. 15-23.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳои илмии дигар**

[6-М]. Алиева Ҷ. Ф. Нақши устод Айнӣ дар таҳрири романи «Дохунда». / Ҷ.Ф.Алиева // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашни «25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷиикистон». – Душанбе, 2016. – С. 410-411.

[7-М]. Алиева Ҷ. Ф. Айнӣ ва таҳрири асарҳои Раҳим Ҷалил / Ҷ.Ф. Алиева // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «5500-солагии

Саразми бостонӣ», «700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». Ҷилди II. – Душанбе, 2020. – С. 401-402.

Диссертатсия кори илмии ба анҷомрасида буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқ аст.

Кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии ДМТ диссертатсияи Алиева Ҷамила Файзовнаро кори илмии ба анҷомрасидаи муҳим меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ таълиф шудааст ва ба ҳамаи талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад ва дар ин замина диссертатсияи мазкурро барои дифоъ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология тавсия менамояд.

Иштирок дошт: 9 нафар
Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 9 нафар, «зид» – 0, «бетараф» – 0,
қарори № 5 аз 19. 12. 2023

Мудири кафедраи услубшиносӣ
ва таҳрири адабӣ, дотсент
номзади илми филология — Сафаров Ҳ.О.

Котиби илмӣ, номзади
илми филология — Исмоилова Ш.Ҷ.

Тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ — Тавқиев Э. Ш.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ